Такриз

ба автореферати рисолаи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи "Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон

Масъалаи омӯзиши забонҳои шарқии эронӣ дар фарохнои Осиёи Миёна, махсусан Тоҷикистон аз нигоҳи худшиносии миллӣ ниҳоят муҳим буда, барои нигоҳи нав дар мавриди ташаккули забони муосири тоҷик ва решаҳои пайдоиши он, дурнамои мавқеъ ва рушди забонҳои шарқии эронӣ дар фарохнои забонҳои форсӣ заминаи илмии устувор хоҳанд гузошт. Аз ин рӯ, интихоби ин мавзуъ ниҳоят муҳим аст.

Мавқеи истеъмоли забони вахонӣ нисбат ба тамоми забонҳои эронии шарқӣ васеътар аст ва он дар байни забонҳои эронӣ ягона забонест, ки дар тамоми ҳавзаҳои этнолингвистии Ҳиндукуши Шарқӣ мавриди корбурд қарор дорад. Муҳаққиқ бо мақсади баррасии ҳамаҷонибаи мавзуи интихобгардида, рисоларо ба муқаддима, 3 боб, хулоса, феҳристи адабиёт ҷудо кардааст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, масъалаҳои ба муҳокима баровардашаванда, мақсади таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш нишон дода шудаанд. Махсусан, дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқ хеле равшан баррасӣ карда шудааст.

Таҳқиқи илмии забони вахонӣ аз нахустин мақолоту асарҳои донишмандони аврупо, эроншиносон ва помиршиносон ба монанди А.Мейе, Е.Ҷонсон, Р.Шоу, О.В.Томашеко, Х.Шёлд, В.С. Соколова, Т.Н.Пахалина, А.Л.Грюнберг ва И.М. Стеблин-Каменский, Д.И.Эделман, Г.Моргенстриене, В.Лоример, В.С.Расторгуева Б.Б.Лашкарбеков, А.А. Саидмамадов, А.Мирбобоев, С.Матробов, А.Асадбеков, Е.Башир, Я.Обртелова, Ш.Ғуломалиев, З.Мадаминова, Н. Парвоева ва дигарон идома дода шуд.

Боби аввали диссертатсия – «Асосҳои назариявии таҳқиқи ҷонишинҳо дар забоншиносӣ», аз се фасл иборат буда, дар доираи ин фаслҳо масъалаҳои омӯзиши ҷонишинҳо дар илми забоншиносӣ, самтҳои муҳимтарини таҳқиқот

дар ин маврид, масъалаҳои назариявии низоми ҷонишинҳо дар забони вахонӣ баррасӣ гардида, муҳаққиқ як андоза назари олимон, муносибати онҳоро ба таснифоти ҷонишинҳои забони вахонӣ баррасӣ мекунад. Ҳамчунин мушкилоти мавҷуда дар таснифоти ҷонишинҳои забони вахонӣ ҳамчун масъалаи назариявии илми забоншиносӣ дар доираи фасли сеюми боб баррасӣ карда мешавад. Дар ин замина муҳаққиқ тавонистааст, ки сабаҳои хусусияти фарққунанда доштани ҷонишиҳои махсусан шахсиро дар забони вахонӣ нишон диҳад ва таъкид намояд, ки сабаби асосии фарқ дар таснифоти ҷонишинҳо ба инобат нагирифтани роҳҳои ташаккули ҷонишинҳо аст.

Боби дуюми рисола - «Ҷонишинҳои шахсӣ», низ аз се фасл иборат буда, мутаносибан дар бораи ҷонишинҳои шахсии забони вахонӣ, хелҳои онҳо, вазифаҳои синтаксисии ҷонишинҳо шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, ҳамчунин дар бораи сохти эргативии ҷонишинҳои забонҳои вахонӣ маълумот дода мешавад.

Боби сеюми диссертатсия – «Ҷонишинҳои ғайришахсӣ дар забони вахонӣ», аз 6 фасл иборат аст. Дар доираи ин фаслҳо мавқеи корбурди ишораҷонишинҳо, пурсишҷонишинҳо, ишораҷонишинҳо, ҷонишинҳои номуайянӣ, ҷонишинҳои манфӣ, ҷонишинҳои таъйинӣ ва ҷонишинҳои муштарак таҳқиқ гардида, хусусиятҳои луғавию грамматикӣ, вазифаҳои синтаксисиашон нишон дода шудаанд.

Яке аз беҳбудиҳои кор он аст, ки муаллиф дар автореферат 10 ҷадвалро оварда, ҷонишинҳои забони вахониро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар хулосаи рисола натиҷаҳои асосии таҳқиқ тахти бандҳо оварда шуда, назари хоси муаллифи рисоларо аз таҳқиқоти анҷомдодашуда дар бар мегиранд. Муҳаққиқ адабиёти зиёди илмиро ҷамъоварӣ ва мутолиа намудааст.

Дар баробари дастовардҳо муҳаққиқ ба баъзе ҷиҳатҳои дигар ҳам таваҷҷуҳ мекард, ба манфиати кор мебуд.

1.Дар фасли охири боби аввал дар баробари муҳокимаҳо ҷадвали мушаххаси тансифоти ҷонишинҳо оварда мешуданд, назари муҳаққиро равшантар нишон медоданд.

2.Ба услуби баъзе ҷумлаҳо низ таваҷҷуҳ кардан ва хатоҳои ҷузъии техникиро бардоштан аз манфиат холӣ нест: саҳифаи 3: дар ҷумлаи аввал "хусусият" ва "хоса", дар қавс пас аз г – нуқта, ҳамчунин калимаи "нуфуз" ба ҷойи "нуфус" ба мушоҳида мерасанд.

Албатта, ин норасоиҳои ҷузъӣ арзиши корро кам намекунанд ва он таҳқиқоти бaанҷомрасидаи арзишманд буда, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон сазовор мебошад.

**Муқарриз, доктори илми филология,**
**профессори кафедраи матбуоти ДМТ** **Қ. Мухторӣ**

**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, Рӯдакӣ, 17.**
**(+992)933-66-20-08,**
**E-mail: mkutb@mail.ru**

**Имзои д.и.ф., Қ. Мухторӣ-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори РК КМ Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
**09.01.2024.**